Конституция - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 95 (4835) | ЧОРШАНБЕ, 31 ИЮЛИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

29-уми июли соли 2024 таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар маҷлиси Ҳукумати кишвар нахуст натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2024 ва вазифаҳо дар нимаи дуюми сол баррасӣ карда шуд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодиро дар нимсолаи якуми соли 2024 ҳамаҷоníба таҳлил намуда, барои ислоҳи камбудиҳо дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои мушаххас гузоштанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки бо амалӣ гардидани иқдомҳои созанда ва пайгиронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳҳои январ-июни соли 2024 тамоюли мусбати рушди иқтисоди миллӣ нигоҳ дошта шуда, раванди афзоиши ҳаҷми истеҳсолот дар аксар соҳаҳои воқеии иқтисоди миллӣ идома ёфт.

Таъкид шуд, ки дар моҳҳои январ-июни соли 2024 суръати рушди иқтисодии кишвар дар сатҳи 8,2 фоиз таъмин шуда, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 61,7 млрд. сомонӣ баробар гардид.

Рушди иқтисоди миллӣ дар ин давра асосан аз ҳисоби зиёд гардидани истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 11,5 фоиз, кишоварзӣ - 9,6, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ - 15,7, гардиши савдо - 11,9, хизматрасонии пулакӣ - 16,6, боркашонӣ - 13,8, мусофиркашонӣ - 9, гардиши савдои хориҷӣ - 29,3, аз ҷумла содирот 47,1 фоиз таъмин гардид.

Президенти кишвар таъкид намуданд, ки сатҳи таваррум дар ин давра 1,9 фоизро ташкил дод.

Нақшаи даромади буҷети давлатӣ дар моҳҳои январ-июни соли 2024-ум 107,9 фоиз иҷро гардида, ба буҷет 21,2 млрд. сомонӣ ворид шуд, ки нисбат ба нақша 1,5 млрд. сомонӣ зиёд аст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари таъмин гардидани нишондиҳандаҳои мусбати рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ тақвияти фаъолияти мақомоти иҷроияи марказӣ, маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои дигари давлатиро зарур шумориданд.

Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳо супориш гирифтанд, ки бо назардошти таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ, бахусус шиддат ёфтани бархӯрдҳои геосиёсӣ, таҳримҳо, низоъҳои тиҷоратӣ, инчунин, пайомадҳои тағйирёбии иқлим фаъолиятро дар самти татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳои давлатӣ ва тадбирҳои зиддибуҳронӣ тақвият диҳанд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохторҳои давлатиро вазифадор намуданд, ки чиҳати таъмини минбаъдаи рушди устувори кишвар ва устувории иқтисоди миллӣ, ҷалби бештари сармоя, бахусус, сармояи мустақими хориҷиро вусъат бахшида, бо мақсади таъмини суръати рушди иқтисодӣ ба андозаи на кам аз 8 дарсад ва устувории макроиқтисодӣ корҳоро ҷоннок намоянд.

Сарвари давлат ба вазорату идораҳои дахлдор чиҳати рушди шабакаҳои таҳвил ва хизматрасониҳои молиявии рақамӣ ва рушди инфрасохтори ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дастурҳои мушаххас доданд.

Таъкид гардид, ки тавассути васеъ истифода намудани технологияҳои рақамӣ, коҳиш додани омилҳои инсонӣ ва амалҳои коррупсионӣ имкон аст даромадҳо ба буҷети давлатӣ хеле афзоиш дода шавад.

Барои татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар супориш дода шуд, ки дар самти ба кор андохтани иқтидорҳои бозистода ва пешгирии раванди аз фаъолият бозмондани корхонаҳои саноатӣ, бахусус пешгирии раванди коҳиш ёфтани истеҳсоли як қатор маҳсулоти саноатӣ, чораҳои иловагии таъхирнопазир андешида шавад.

Ҳукумати мамлакат вазифадор шуд, ки якҷо бо вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мушкилоту монеаҳои мавҷударо бартараф карда, тибқи супоришҳои қаблӣ тавассути татбиқи самараноки стратегияву барномаҳои давлатӣ ва тадбирҳои ziddibuҳронӣ тақвият диҳанд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохторҳои давлатиро вазифадор намуданд, ки чиҳати таъмини минбаъдаи рушди устувори кишвар ва устувории иқтисоди миллӣ, ҷалби бештари сармоя, бахусус, сармояи мустақими хориҷиро вусъат бахшида, бо мақсади таъмини суръати рушди иқтисодӣ ба андозаи на кам аз 8 дарсад ва устувории макроиқтисодӣ корҳоро ҷоннок намоянд.

Сарвари давлат ба вазорату идораҳои дахлдор чиҳати рушди шабакаҳои таҳвил ва хизматрасониҳои молиявии рақамӣ ва рушди инфрасохтори ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дастурҳои мушаххас доданд.

Таъкид гардид, ки тавассути васеъ истифода намудани технологияҳои рақамӣ, коҳиш додани омилҳои инсонӣ ва амалҳои коррупсионӣ имкон аст даромадҳо ба буҷети давлатӣ хеле афзоиш дода шавад.

Барои татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар супориш дода шуд, ки дар самти ба кор андохтани иқтидорҳои бозистода ва пешгирии раванди аз фаъолият бозмондани корхонаҳои саноатӣ, бахусус пешгирии раванди коҳиш ёфтани истеҳсоли як қатор маҳсулоти саноатӣ, чораҳои иловагии таъхирнопазир андешида шавад.

Ҳукумати мамлакат вазифадор шуд, ки якҷо бо вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мушкилоту монеаҳои мавҷударо бартараф карда, тибқи супоришҳои қаблӣ таэҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, ташаккули «иқтисоди сабз», рақамикунонии раванди пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ва вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ диққати аввалиндарача дода шавад.

Истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои нави истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои иловагии корӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти иқтидори содиротии мамлакат ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин дар ин раванд номида шуд.

Шахсони масъул вазифадор шуданд, ки натиҷаҳои самарабахшро доир ба рақамикунонии соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ, хусусан дар самти пурра ба таври электронӣ ва фосилавӣ ба роҳ мондани ҳамаи хизматрасониҳои давлатӣ, таъмин намоянд.

Вазорату идораҳои дахлдор чиҳати ба таври қатъӣ ба роҳ мондани қабули пардохтҳо ба тариқи ғайринақдӣ барои хизматрасониҳои давлатӣ, бахусус дар муассисаҳои тиббӣ, маориф, хоҷагии манзилию коммуналӣ, ҳифзи муҳити зист ва сохторҳои он, бахшҳои сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ ва идораҳои нотариалии давлатии шаҳру ноҳияҳо, барои андешидани тадбирҳо вазифадор шуданд.

Президенти кишвар ба вазоратҳои марбута, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва корхонаҳои давлатӣ чиҳати иҷрои сифатнок ва пурраи қисми даромади буҷети давлатӣ дар соли 2024 супоришҳои мушаххас доданд.

Дастур дода шуд, ки бо мақсади дарёфти манбаъҳои нави даромад ба буҷети давлатӣ, инчунин, коҳиш додани бақияпулиҳои андоз ва пешгирӣ кардани пайдоиши бақияпулиҳои нав тадбирҳои муассир андешида шавад.

Масъулин вазифадор шуданд, ки барои сари вақт иҷро гардидани ухдадориҳои иҷтимоии давлат, махсусан дар самти пардохти пурраи музди меҳнати кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ, нафақа, ҷубронпулӣ ва кумакпулиҳо, беҳтар гардонидани хизматрасониҳои тиббӣ, чораҳои зарурӣ андешида, нақшаи маблағгузории соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоиро таъмин созанд.

Ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва марказҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ супориш дода шуд, ки амалисозии саривақтии лоиҳаҳои сармоягузориҳои давлатиро таъмин намуда, чиҳати бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта тадбирҳои саривақтӣ ва қатъӣ андешанд.

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз Президенти кишвар супориш гирифтанд, ки чиҳати ҷалби ҳар чӣ бештари сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар тадбирҳои судмандро амалӣ намоянд.

Таъмин намудани рақобатнокии маҳсулоти асосии содиротӣ дар бозори ҷаҳонӣ ва дарёфти бозорҳои нави фурӯш, ташкили истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии дорои арзиши баланди иловашуда, тақвияти иқтидори содироти мамлакат, муаррифии молу маҳсулоти ватанӣ дар хориҷи кишвар ва фароҳам овардани шароити мусоид барои содироткунандагон аз дастури дигар ва муҳими Президенти кишвар буд.

Супориш дода шуд, ки идораҳои дахлдор барои татбиқи саривақтиву босифати лоиҳаҳои кам кардани талафоти неруи барқ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар чораҳои мушаххас андешанд.

Зарур шуморида шуд, ки ҷорӣ намудани низоми биллингӣ, ҳаҳисобгирии пурраи истифодабарандагони неруи барқ ҷорӣ ва якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ сари вақт аз аҳолӣ ва ташкилоту корхонаҳо ҷамъоварӣ кардани маблағ таъмин карда шавад.

Ба Ҳукумати мамлакат супориш дода шуд, ки бо мақсади баланд бардоштани иқтидори истеҳсоли неруи барқ ва таъмин намудани сарфаҷӯии энергия корҳоро дар самти истифодаи манбаъҳои алтернативӣ ва барқароршавандаи энергия, аз ҷумла доир ба бунёди неругоҳҳои барқи офтобӣ, тақвият бахшад.

Дастуру супоришҳо, ҳамчунин, чиҳати васеъ ба роҳ мондани кишти такрорӣ, зиёд намудани майдони гармхонаҳои доимоамалкунанда, соҳтмони сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулот ва таъмини мунтазами аҳолӣ бо маҳсулоти тару тоза, баланд бардоштани ҳосилхезии замин ва ҳосилнокии зироати кишоварзӣ ва рақамикунонии соҳа дода шуд.

Таъсиси портали интернетӣ бо мақсади робитаи доимӣ ва ташаккули махзани маълумоти иттилоотию таҳлилӣ дар бораи диаспораҳои тоҷикон, ҳамватанон ва тоҷикони бурунмарзӣ, баланд бардоштани сатҳи касбият ва забондонии онҳо зарур шуморида шуд.

Ҳамчунин, соҳторҳои марбута дастур гирифтанд, ки соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти кишварро ба фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2024-2025 ҳаматарафа омода намоянд.

Доир ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2024 ҳисоботи роҳбарони вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, раиси Кумитаи андоз ва сардори Хадамоти гумрук, инчунин, роҳбарони дигар мақомоти дахлдор шунида шуд.

Дар идомаи маҷлиси Ҳукумати кишвар лоиҳаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» муҳокима ва барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол шуданд.

Нақшаи амали «Стратегияи ҳифзи молиявӣ аз офатҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2037» барои солҳои 2024-2026, масъалаҳои Парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ ва таъсиси Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ дар шаҳри Душанбе» баррасӣ шуда, қарорҳои дахлдор қабул гардид.

Дар фарҷоми маҷлис Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар таваҷҷуҳи роҳбарони сохторҳои давлатиро ба иҷрои ҳатмӣ ва бечунучарои супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб намуданд.

Дастуру супоришҳои мушаххас, ҳамчунин, доир ба омодагӣ ба истиқболи сазовори ҷашнҳои 30-солагии қабули Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуд.

www.prezident.tj

САФАРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ЭРОН

Сиюми июли соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои боздиди корӣ ба шаҳри Теҳрони Ҷумҳурии Исломии Эрон сафар карданд.

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якуми Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ, вазири энергетика ва захираҳои об ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ мекунанд.

30-юми июли соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар маросими савгандёдкунии Президенти навинтихоби Ҷумҳурии Исломии Эрон Масъуди Пизишкиён вориди шаҳри Теҳрон шуданд.

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Теҳрон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро намояндагони воломақом ва шахсони расмии Ҷумҳурии Исломии Эрон самимона истиқбол гирифтанд.

(Давомаш дар саҳ. 2)

ШАҲРИ ДУШАНБЕ СОЗАНДАГИЮ БУНЁДКОРӢ ДАР МАДДИ АВВАЛ

Дар нимсолаи якуми соли 2024 дар шаҳри Душанбе аз ҷониби 783 корхонаи саноатӣ истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 2,4 миллиард сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли пешин 500 миллион сомонӣ зиёд буда, суръати афзоиш 123,1 фоизро ташкил намудааст. Инчунин, дар ин нимсола аз ҳисоби ба кор даровардани иншоот ва баланд бардоштани иқтидорҳои истеҳсоливу хизматрасонии мавҷуда дар корхонаю муассисаҳои шаҳр, новобаста ба шакли моликият, 22 ҳазору 805 ҷойи корӣ таъсис ва барқарор шуд, ки ин шумора нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 (1319) 6 фоиз бештар аст. Дар ин хусус 26-уми июли соли равон зимни нишасти матбуотӣ муовини якуми Раиси шаҳри Душанбе Ҷамшед Табарзода иттилоъ дод.

Тавре зикр шуд, маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ ба 14,3 миллиард сомонӣ баробар гардида, суръати афзоиши воқеии он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8,2 фоиз ва саҳми он дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 23,2 фоизро ташкил додааст.

Дар ин давра рушди маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ аз ҳисоби зиёд гардидани истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 123 фоиз, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ - 114, гардиши савдои хориҷӣ - 132, гардиши савдо - 114, боркашонӣ - 111 ва мусофиркашонӣ 105 фоиз таъмин гардид.

Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 2,4 миллиард сомонӣ баробар гардид, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 23 фоиз зиёд аст. Дар маҷмӯъ, то 1 июли соли ҷорӣ аз ҳисоби ба кор даровардани иншоот ва баланд бардоштани иқтидорҳои истеҳсоливу хизматрасонии мавҷуда, 22 805 ҷойи нави корӣ таъсис ва барқарор карда шуд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 1319 ҷойи нави корӣ зиёд мебошад.

Аз тарафи ҶСК «Шабакаҳои барқи шаҳри Душанбе», дар маҷмӯъ, 2,1 миллиард кВт/соат энергияи барқ қабул гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 213,6 миллион кВт/соат зиёд аст. Маблағи умумии ҳисобшудаи барқи интиқолгардида дар давраи мавриди назар ба 720 миллион сомонӣ баробар шуда, ҷамъоварии он 694 миллион сомониро ташкил дод, ки ба 96 фоизи нақша баробар мебошад.

Истеҳсоли энергияи гармӣ дар ин давра ба 783 ҳазор Гкал баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 42 фоиз зиёд аст. Дар ин давра ба муштариён ба маблағи 39 миллион сомонӣ энергияи гармӣ интиқол гардида, ҷамъоварии маблағи он 34 миллион сомониро ташкил дод.

Маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ бо нархҳои муқоисавӣ ба 2,5 миллиард сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 14 фоиз зиёд мебошад.

Аз ҷониби Муассисаи давлатии «Раёсати соҳтмони асосӣ»-и шаҳр дар 12 иншооти таъиноти гуногун корҳои соҳтмонӣ-васлгарӣ ва дар 15 иншооти дигар корҳои лоиҳакашию муҳаққиқӣ ба маблағи 214 миллион сомонӣ иҷро гардида, айни замон корҳо дар ин самт бомаром идома доранд.

Дар ин давра дар соҳаи маориф корҳои навсозию соҳтмонӣ дар 24 иншоот барои 23 450 ҷойи нишаст дар як баст ва дар 56 муассисаи томактабӣ барои беш аз 11 220 ҷой корҳои соҳтмонӣ бомаром идома доранд.

Бо мақсади сазовор таҷлил намудани Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби шахсони эҳсонкор ва ташкилоту муассисаҳо 4284 чорабинии гуногун бо таъсиси беш аз 13 ҳазор ҷойи нави корӣ ба нақша гирифта шудааст.

(Давомаш дар саҳ. 2)

САФАРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ЭРОН

(Идома аз саҳ. 1)

Ба хотири пазироии меҳмони олимақом дар роҳрав қолини сурх густурда шуда, аз ду канори он қаровули фахрӣ саф кашид.

30-юми июли соли 2024 дар шаҳри Теҳрон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Маҷлиси Шурои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон Муҳаммад Боқири Қолибоф мулоқот намуданд.

Дар вохӯрӣ доир ба ҷанбаҳои мухталифи муносиботи дӯстӣ ва ҳамкории судбахши ҳар ду кишвари бародар гуфтугӯи судманд сурат гирифт. Зикр гардид, ки арзишҳои муштараки таърихиву фарҳангӣ ва тамаддунии ҳар ду кишвари ҳамзабон заминаи устувори муносиботи дуҷонибаро ташкил медиҳанд.

Зимнан аз раванди таҳкиму густариши робитаҳои парлумонӣ ва фаъолияти гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонӣ изҳори қаноатмандӣ шуд.

Таъкид гардид, ки робитаҳои мақомоти қонунгузор дар фароҳам овардани заминаи мусоид барои тавсеаи ҳамкорӣ дар бахшҳои мухталиф, аз ҷумла иқтисоду тиҷорат, нақши муҳим доранд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон идомаи муколамаи созандаи байнипарлумониро ба суди кор арзёбӣ намуда, аз Муҳаммад Боқири Қолибоф даъват намуданд, ки ба Тоҷикистон дар фурсати барояшон муносиб ташриф биёранд.

30-юми июли соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Масъуди Пизишкиён мулоқот намуданд.

Сарвари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғози суҳбат муҳтарам Масъуди Пизишкиёнро ба муносибати оғози фаъолияташон ба ҳайси Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон табрику таҳният гуфта, ба он кас хоҳони комёбиҳо шуданд.

Пешвои миллат, ҳамчунин, аз Масъуди Пизишкиён даъват намуданд, ки дар фурсати барояшон муносиб ба Тоҷикистон бо боздиди расмӣ ташриф биёранд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори бовар намуданд, ки кишварҳои мо дар асоси усулҳои ҳусни тафоҳум ва эҳтирому эътимоди ҳамдигар ҳамкории барои ҷонибҳо судмандро минбаъд ҳам густариш хоҳанд дод.

Зимни суҳбат ҳар ду ҷониб аз вазъи кунунии ҳамкории дуҷониба, аз ҷумла дар бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷорат, энергетика, саноат, ҳамлу нақл, кишоварзӣ ва тандурустӣ, илму маориф ва фарҳанг, қаноатмандӣ карда, таъкид доштанд, ки ин раванди судбахш дар оянда низ бояд идома ёбад.

Панҷ маротиба афзоиш ёфтани табодули мол, ки тайи солҳои охир ба назар мерасад, бозгӯ аз иқтидори бузурги ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратии ҳар ду кишвари бародар номида шуд.

Дар ин робита таъмини фаъолияти бештари Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ ва истифодаи муассир аз Кумитаи муштараки сармоягузорӣ ва Шурои муштараки соҳибкорони ҳар ду кишвар зарур дониста шуд.

Ҳар ду ҷониб ба густариши ҳамкорӣ дар бахшҳои обу энергетика, нафту газ, технологияҳои муосир ва ҷалби сармоя ба ин самтҳо алоқамандӣ зоҳир намуданд.

Ҷониби мо ба истифодаи самараноки имконоти бандарҳои Бандар-Аббос ва Чобаҳор барои ҳамлу нақли молу маҳсулоти Тоҷикистон изҳори ҳавасмандӣ намуданд.

Ҷонибҳо иқдоми лаҳзаи низоми раводидро барои рафтуомад миёни ҳар ду кишвар ба муҳлати то 30 рӯз рӯйдоди муҳим номида, изҳор намуданд, ки он ба рушди сайёҳӣ ва умуман, робитаҳои дуҷонибаи мардумони ҳар ду кишвар мусоидати фаъол хоҳад дошт.

Таҳкими ҳамкорӣ дар муборизаи муштарак бо таҳдиду хатарҳои муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, қочоқи маводи мухаддир, ҷиноятҳои созмонёфтаи фаромиллӣ ва киберӣ, низ аз мавзуъҳои муҳими суҳбат буд.

Сарони ду давлат, ҳамчунин, доир ба мавзуъҳои алоҳидаи байналмилалӣ ва минтақавии мавриди таваҷҷуҳ табодули афкор анҷом доданд.

30-юми июли соли ҷорӣ дар доираи чорабинии марбут ба маросими савгандёдкунии Президенти тозаинтихоби Ҷумҳурии Исломии Эрон

дар шаҳри Теҳрон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Роҳбари Инқилоби Ҷумҳурии Исломии Эрон Оятуллоҳ Сайид Алӣ Хоманаиӣ мулоқот намуданд.

Дар вохӯрӣ доир ба таҳким ва густариши бемайлони робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Эрон гуфтугӯи судбахш сурат гирифт.

Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузории муваффақонаи интихоботи раисиҷумҳури Эронро ба Роҳбари Инқилоби Ҷумҳурии Исломии Эрон табрику таҳният гуфта, изҳори боварӣ намуданд, ки ҷониби Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ҳукумати нави Эрон муносибатҳои ҳар ду кишварро боз ҳам рушд хоҳанд дод.

Дар идомаи суҳбат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз муштаракоти таърихию фарҳангии мардумони дӯсту бародари ду кишвар ва алоқамандии ҷонибҳо ба тавсеаи робитаҳо дар рӯҳияи ҳусни тафоҳум, ҳамёрӣ, эҳтиром ва эътимоди байниҳамдигарӣ ёдовар шуда, азму иродаи устувори ҷониби Тоҷикистонро ба идомаи ин раванд таъкид намуданд.

Бо ибрози қаноатмандӣ аз густариши бемайлони робитаҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ ва илмию фарҳангӣ, бахусус тайи солҳои охир, ҳар ду ҷониб изҳори умед намуданд, ки ин раванди самарабахш минбаъд идома хоҳад ёфт.

Дар вохӯрӣ, ҳамчунин, доир ба як зумра масоили байналмилалию минтақавии мавриди таваҷҷуҳи тарафайн мубодилаи андеша сурат гирифт.

30-юми июли соли 2024 дар шаҳри Теҳрон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими савгандёдкунии Президенти навинтихоби Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Масъуди Пизишкиён иштирок намуданд.

Барои иштирок дар ин маросим намояндагони воломақоми наздики 80 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла як қатор сарони давлатҳо, роҳбарони парлумонҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои гуногун, ҳамчунин, намояндагони созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ба Теҳрон ташриф оварданд.

Хотиррасон бояд намуд, ки дар интихоботи пеш аз муҳлати президентӣ, ки дар Ҷумҳурии Исломии Эрон баргузор гардид, пас аз ду даври интихоботӣ Масъуди Пизишкиён ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон интихоб шуд.

Масъуди Пизишкиён зимни маросими савгандёдкунӣ расман ба ҳайси Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон ба фаъолият шурӯъ намуд.

www.prezident.tj

ШАҲРИ ДУШАНБЕ СОЗАНДАГИЮ БУНЁДКОРӢ ДАР МАДДИ АВВАЛ

(Идома аз саҳ. 1)

Дар доираи ин ҷашни бузурги миллӣ то 1 июли соли ҷорӣ 1954 чорабинӣ, аз ҷумла бунёди 26 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва томактабӣ, 15 муассисаи тандурустӣ, 46 коргоҳу корхонаи саноатӣ, 40 километр роҳ, 19 бинои маъмурӣ, 126 иншооти баландошёна бо 96 маркази хизматрасонӣ, 9 иншооти варзиш, рангубори 477 бино, 173 нуқтаи партовпартой ва икдомҳои дигар, бо таъсиси беш аз 2,7 ҳазор ҷойи нави корӣ амалӣ гардид.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомот бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин намудани сокинону меҳмонони пойтахт ба ҳисоб меравад. Дар ин давра ба муштариён ба маблағи 54 миллион сомонӣ оби нӯшокӣ интиқол ёфта, ҷамъоварии маблағи он 52 миллион сомонӣ ё 96,3 фоизро ташкил медиҳад.

Маврид ба зикр аст, ки симои воқеии ҳар як давлатро аз пойтахти он мешиносанд. Дар баробари дигар соҳаҳо дар соҳаи ободонӣ ва кабудизоркунии шаҳри Душанбе як зумра корҳои назаррас ба анҷом расонида шудааст. Дар мавсими ниҳолшинонӣ дар кӯчаю хиёбонҳо, боғу гулгаштҳо ва шаҳраку маҳаллаҳо 403 ҳазор бех дарахту буттаҳо ва беш аз 14 миллион гули мавсимӣ шинонида, 149 ҳазор метри мураббаъ майсазор гардид.

Дар соҳаи хизматрасонии нақлиётии пойтахт бо ҳама намуди нақлиёт 204 миллион мусофир кашонида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4,6 фоиз зиёд мебошад. Дар шаҳри Душанбе хизматрасониҳо дар самти ҳамлу нақли мусофирон аз ҷониби 4 корхонаи коммуналии воҳиди давлатӣ, 17 ҷамъиятҳои хусусии нақлиётӣ ва 13 ширкати таксӣ амалӣ карда мешаванд. Дар ин давра бо назардошти ворид ва ба истифода додани автобусҳои нави замонавӣ, инчунин, вобаста намудани баъзе хатсайрҳои амалкунандаи микроавтобусӣ ба хатсайрҳои автобусии корхонаҳои коммуналӣ ҳиссаи бахши коммуналӣ дар хизматрасонӣ ба мусофирон нисбат ба ҷамъиятҳои нақлиёти хусусӣ зиёд гардидааст. Соли ҷорӣ тибқи шартнома бо ширкати ватанӣ харидории боз 30 электробуси замонавӣ ба нақша гирифта шудааст.

Бо мақсади таъмини иҷрои «Барномаи рушди нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028» 2958 электромобил харидорӣ ва ворид гардид, ки ин 68 фоизи шумораи нақлиёти кироякашро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, 126 адад дастгоҳу таҷҳизоти пуркунандаи қувваи барқ ворид карда шудааст, ки айни ҳол дар нуқтаҳои муайян насб гардида истодаанд.

Дар доираи татбиқи лоиҳаи «Низоми зеҳнии сабти аксу видеоии қоидавайронкуниҳои ҳаракат дар роҳ дар нуқтаҳои истгоҳи нақлиёти маршрутӣ ва хатҳои махсуси ҳаракат барои воситаҳои нақлиёти маршрутӣ пешбинишуда» айни ҳол дар 24 чорроҳаи автомобилгарди пойтахт камераҳои назоратии мушоҳидавӣ ва дар 24 минтақа ва роҳҳои автомобилгарди шаҳр камераҳои махсуси суръатсанҷ ва 28 аломати роҳ насб гардида, фаъолияти онҳо мавриди истифодабарӣ қарор дода шудааст. Инчунин, дар 11 минтақаи нав корҳои васлу насби камераҳои махсуси суръатсанҷ идома доранд.

Дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ нақшаи контингенти умумии даромадҳои буҷети шаҳри Душанбе ба маблағи 2,2 миллиард сомонӣ ё 112,4 фоиз иҷро гардид, ки ин аз нақша 240 миллион сомонӣ зиёд аст. Дар ин давра аз буҷети шаҳри Душанбе 634 миллион сомонӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ равона карда шуд. Нақшаи қисми хароҷоти буҷети шаҳри Душанбе 98,9 фоиз иҷро гардида, ба соҳаҳои гуногуни иқтисодию иҷтимоии шаҳр зиёда 1,5 миллиард сомонӣ равона гардид.

Бо мақсади ҷалби бештари сармоя, бахусус сармояи мустақими хориҷӣ, мунтазам тадбирҳо андешида мешавад. Дар ин давра воридоти сармояи хориҷӣ ба 65,4 миллион доллари ИМА баробар гардид.

Бо мақсади фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагӣ дар пойтахти азизамон як қатор лоиҳаҳо дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла дар соҳаи обу корезӣ ду лоиҳа ба маблағи 88,4 миллион доллар, дар соҳаи нақлиёти барқӣ як лоиҳа ба маблағи 8,8 миллион доллар, дар соҳаи биллинги барқӣ як лоиҳа ба маблағи 88 миллион доллар ва дар соҳаи гармидиҳӣ як лоиҳа ба маблағи 11,1 миллион доллари ИМА, амалӣ гардида истодаанд.

Айни замон дар шаҳр 16 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ шуда истодааст ва аз аввали татбиқи онҳо то инҷониб зиёда аз 172 миллион доллар аз худ карда шудааст, ки 25 миллион доллари он ба давраи зикршуда рост меояд.

Шумораи умумии субъектҳои хоҷагидор дар ин давра ба 48,5 ҳазор расидааст, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 10 фоиз ё 4550 адад зиёд мебошад.

Бо мақсади ба танзим дароварданӣ нархи маҳсулоти ниёзи аввалия дар арафаи идҳои давлатию миллӣ ярмаркаҳои фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ташкил ва баргузор карда шуд, ки дар он зиёда аз 1,3 ҳазор тонна молу маҳсулоти ниёзи аввалия пешкаши сокинони пойтахт шуд.

Дар ин давра ҷиҳати ғанӣ гардонидани бозорҳои ҳудуди шаҳр бо маҳсулоти гӯштӣ аз ҷониби КВД «Оид ба истеҳсол, харид, захира ва фурӯши маҳсулоти ниёзи аввалия дар шаҳри Душанбе» 129 тонна маҳсулоти гӯштӣ бо нархҳои дастрас пешкаши сокинон шудааст. Аз ҷониби корхонаи мазкур бо мақсади муҳтадил нигоҳ доштани нархи маҳсулоти ниёзи мардум нақшаи захира тасдиқ гардидааст, ки иҷрои он ҳар сол барзиёд таъмин мегардад.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомот рушди соҳаи маориф ба ҳисоб рафта, вобаста ба он пайваста чораҳои зарурӣ андешида мешавад. Дар ин давра хонандагони муассисаҳои таълимии пойтахт, 1093 медал, аз ҷумла аз ҳисоби олимпиадаҳои фаннӣ дар байни минтақаҳои ҷумҳурӣ 812 медал ва аз ҳисоби олимпиадаҳои байналмилалӣ 281 медал, ба даст овардааанд, ки аз ин ҳисоб шаҳри Душанбе дар байни дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар мақоми аввал қарор дорад.

Дар соҳаи тандурустӣ масъалаи беҳтар намудани дастрасӣ, сифат ва самаранокии хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, инчунин, рушди шаклҳои нави кумаки аввалияи тиббиву санитарӣ яке аз вазифаҳои асосии мақомот ба ҳисоб меравад. Муассисаҳои зертобеи раёсати тандурустии шаҳри Душанбе 61 адад ва дорои 2 779 кати муолиҷавӣ мебошанд. Дар давраи зикршуда 59,6 ҳазор бемор дар беморхонаҳои шаҳрӣ бистарӣ шуданд, ки 4,8 фоизи шумораи умумии аҳолии пойтахтро дар бар мегирад.

Ҳамзамон, ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониши амалӣ ва назариявии кормандони соҳаи тандурустии пойтахт 339 табиб ва 388 нафар кормандони миёнаи тиб аз такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ гузаштанд.

Дар нимсолаи аввали соли 2024 ба мақомот 13638 мактуб ворид шуда, ба 1625 адади он ҷавоби расмӣ ирсол гардидааст. Аз шумораи умумии мактубҳои воридшуда 6952 мактуб хусусияти ахборотӣ дошта, 208 мактуб дар ҳолати корбарӣ қарор доранд.

Дар доираи иҷрои қонунгузории ҷумҳурӣ қабули шаҳрвандон аз ҷониби роҳбарияти мақомот ба роҳ монда шуда, дар ин давра ба мақомот 4853 ҳазор мурочиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ворид гардид, ки 99 фоизи он аз тарафи сохторҳои дахлдори мақомот ва сохторҳои шаҳрӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар ин давра аз тарафи роҳбарияти шаҳр ва масъулони сохторҳо 1281 шаҳрванд қабул гардида, ҷиҳати ҳаллу фасли мушкилоту дархостҳои онҳо ба сохторҳои дахлдори шаҳриву ноҳиявӣ дастуру супоришҳои мушаххас ирсол шуд.

Тибқи иттилои масъулин, қабули мурочиатҳо тавассути почтаи электронӣ ва саҳифаҳои иҷтимоии мақомот ба роҳ монда шуда, дар ин давра 187 аксу наворҳо қабул ва ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо ба масъулин ирсол гардидааст.

Ҳамзамон, дар ин самт бо мақсади ташкили хизматрасонии осон ва қуллай, ҳалли саривақтии мурочиатҳои шифоҳӣ ва телефонии шаҳрвандон дар назди мақомот ва ноҳияҳои он низоми ҳудкори маркази тамос - «Call-Center» ташкил гардида, фаъолиятро пурра оғоз намуд.

- Моро дар пеш вазифаҳои азими созандагӣ баҳри сазовор истиқбол гирифтани Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи амалии ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар водор месозад, ки таҳти дастуру супориш ва нишондодҳои раҳнамунсози Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва иқдомҳои наҷибонаи Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ кору пайкор намоем. Танҳо дар якҷоягӣ мо метавонем пойтахти Ватани маҳбубамон - шаҳри Душанберо боз ҳам обод ва дар арсаи ҷаҳонӣ бештар муаррифӣ намоем, - таъкид намуд муовини якуми Раиси шаҳри Душанбе дар нишасти матбуотӣ.

Зимни нишасти матбуотӣ роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ба саволҳои намояндагони воситаҳои ахбори омма оид ба паҳлуҳои алоҳидаи фаъолияти шаҳрдорӣ ва нишондодҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳри Душанбе дар нимаи аввали соли 2024 ва нақшаҳои шаҳрдорӣ барои давраи минбаъда посух гуфтанд.

Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»

АВЛАВИЯТ БА КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ВА ТАШКИЛИ ҶОЙҲОИ КОРӢ

Зимни нишасти матбуотӣ оид ба ҷамъбасти фаъолият дар шашмоҳаи якуми соли 2024, ки 24-уми июли соли равон баргузор гардид, иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе Сафар Олимзода изҳор дошт, ки нақшаи даромади буҷет 110 фоиз таъмин шуда, ба буҷет 54 миллион сомонӣ маблағ барзиёд ворид гардид.

- Дар ноҳия 157 коргоҳу корхонаи саноатӣ фаъолият доранд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ҳафт корхона зиёд буда, истеҳсоли 34 намуди маҳсулот ба роҳ монда шудааст. Ин муддат корхонаҳои саноатии ноҳия ба маблағи 320 миллион сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол намуданд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 39,2 миллион сомонӣ зиёд буда, 114 фоизро ташкил медиҳад,- зикр кард номбурда. - Дар ин давра аз 157 корхонаи истеҳсолӣ 89-тои он истеҳсолро зиёд намуда, дар 33-тои дигар бо сабаби кам гардидани фармоиш ҳаҷми истеҳсол коҳиш ёфт.

Иттилоҳ гирифтем, ки музди миёна дар корхонаҳои саноатӣ 2050 сомониро ташкил дода, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 133 сомонӣ зиёд мебошад. Дар соҳаҳои гуногун 4037 ҷойи нави корӣ ташкил карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли пеш 109 ҷои кори нав зиёд аст. Тибқи нақша, соли 2024 боз 5 корхонаи саноатӣ бо 224 ҷойи нави корӣ ба истифода дода мешавад.

Марҷона СОЛИҲЗОДА, «Садои мардум»

40 ҲОЛАТИ ҒАСБИ ЗАМИН ОШКОР ГАРДИД

- Дар шаш моҳи аввали соли равон аз 104 корхонаҳои саноатии ноҳияи Исмоили Сомонӣ 17 корхона истеҳсоли маҳсулотро кам ва 57 корхона зиёд намудааст. Дар умум, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 493,8 миллион сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 176,1 миллион сомонӣ зиёд мебошад, - изҳор дошт муовини раиси ноҳия Манижа Аминзода 25 июли соли равон зимни нишасти матбуотӣ.

Нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии умумӣ 114,1 фоиз иҷро гардида, ба буҷет ба ҷои 491,3 миллион сомонӣ 560,4 миллион сомонӣ ворид шуд, ки ин аз нақша 69,1 миллион сомонӣ ва дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 93,3 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Нақшаи буҷети маҳаллӣ 113,1 фоиз иҷро гардида, 96,8 миллион сомонӣ ворид шуд, ки аз нақшаи пешбинишуда 11,2 миллион сомонӣ зиёд аст. Аз буҷети маҳаллӣ дар ин давра 94,1 миллион сомонӣ харҷ гардид, ки 100 фоизи нақшаи шашмоҳаи соли ҷориро ташкил медиҳад.

Номбурда афзуд, ки дар ноҳия 16 муассисаи тандурустии ҷумҳуриявӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ амал мекунад ва дар давоми шаш моҳи соли ҷорӣ ба соҳа 6 миллиону 117,9 ҳазор сомонӣ маблағгузорӣ шудааст.

Дар шаш моҳи соли 2024 барои пешгирии ғасби худсаронаи замин дар ноҳия корҳои муайян ба сомон расида, 40 ҳолат ошкор шуд.

Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»

ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТ 120,3 ФОИЗ АФЗУД

Раиси ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе Умед Гурезода 24 июли соли ҷорӣ зимни нишасти матбуотӣ иброз намуд, ки дар нимсолаи якуми соли 2024 иҷрои нақшаи қисми даромади буҷети ноҳия аз рӯи контингенти умумӣ 374,4 миллион сомонӣ муқаррар шуда, иҷроиш 113,0 фоизро ташкил дод.

Нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллии ноҳия дар ин давра 153,9 миллион сомонӣ муқаррар шуда, ба буҷети маҳаллӣ 170,3 миллион сомонӣ ворид гардид, ки ин ба 111,0 фоизи нақша баробар аст. Дар робита ба қисми хароҷоти буҷети маҳаллӣ зикр шуд, ки барои соҳаҳои гуногун 175,5 миллион сомонӣ равона гардид, ки 98,7 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

- Дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ 198 коргоҳу корхонаи саноатӣ фаъолият карда, ба маблағи 642,0 миллион сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 108,2 миллион сомонӣ ё 120,3 фоиз зиёд мебошад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки аз 198 корхонаи саноатӣ 125-тоаш аз 100 фоиз зиёд ва 38 корхона аз 100 фоиз камтар маҳсулот истеҳсол карда, 35 корхона бо сабабҳои гуногун фаъолият накарда, 3 корхонаи дигар дар рӯйхати корхонаҳои аз фаъолият бозмонда қарор доранд. Дар ин давра 19 коргоҳу корхонаҳои нави саноатӣ ба фаъолияти истеҳсолӣ оғоз намуданд, - афзуд Умед Гурезода.

М. ХУДОЙНАЗАРОВ, «Садои мардум»

ТАЪСИСИ ҶОЙҲОИ КОРӢ БЕШТАР ШУДААСТ

Раиси ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Тоҷиддин Саидзода 25-уми июли соли равон зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод, ки дар нимсолаи аввал нақшаи қисми даромади буҷети ноҳия 547,1 миллион сомонии муқаррар шуда, ба буҷет 618,6 миллион сомонӣ ворид гардид.

Иттилоъ гирифтем, ки дар ноҳия 321 коргоҳу корхонаи саноатӣ фаъолият доранд ва дар онҳо истеҳсоли 72 намуди маҳсулот ба роҳ монда шудааст. Моҳҳои январ - июни соли 2024 аз ҷониби корхонаҳои саноатии ноҳия ба маблағи 907,3 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол гардид, ки нисбат ба соли 2023-юм 123,5 миллион сомонӣ зиёд буда, суръати афзоиши он 115,5 фоизро ташкил медиҳад.

- Таъсиси ҷойҳои кории нав, иловагӣ ва барқароршуда 8075 ададро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли гузашта 380 ҷой зиёд мебошад. Ин муддат дар корхонаю ташкилот 6836 ҷой ва аз тарафи шахсони воқеӣ 1239 ҷойи корӣ ташкил гардид, - афзуд раиси ноҳия.

Тоҷиддин Саидзода дар посух ба саволи хабарнигори рӯзнома вобаста ба набудани майдончаҳо барои бозии кӯдакон, таваққуфгоҳҳо, бо вуҷуди 4-5 сол боз зиндагӣ доштани мардум насб нашудани лифтҳо дар баъзе биноҳои навсохти шаҳраки Гипроземи ноҳияи Сино чунин гуфт:

- Дар ноҳияи Сино 19 бинои истиқоматӣ мавҷуд аст, ки то ҳанӯз аз комиссияи давлатӣ нагузашта, сокинон дар он зиндагӣ оғоз кардаанд. Мо дар якҷоягӣ бо мақомоти шаҳр корбарӣ карда истодаем. Чунин биноҳоро бо ёрии буҷети маҳаллӣ ва соҳибкорон ба талабот мувофиқ ва ба комиссияи давлатӣ пешниҳод менамоем.

М. СОЛИҲЗОДА, «Садои мардум»

Ба муносибати 100-солагии рӯзномаи «Овози тоҷик»

Адиби ҳаҷвнигор шодравон Аҳмадшоҳи Маҳмадшоҳ китобҳои ҳикоёти ҳаҷвии «Гап байни худамон» (1986), «Кач дору марез» (1991), «Зинда будан кам аст!» (1998), «Арӯс аз Тошканд» (1998), «Дарро задам, девор кафид» (2003), «Аз гаҳвора то ситора» (2014)-ро аз худ мерос мондааст.

Аҳмадшоҳи Маҳмадшоҳ ва шарикдарсаш Бобоҷон Абдулвоҳидов (равонаш шод бод!), донишҷӯёни хатмкунандаи шуъбаи журналистикаи факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ), таҷрибаомӯзиро тобистону тирамоҳи соли 1975 дар шаҳри Тошканд, дар идораи рӯзномаи «Овози тоҷик» гузаронданд. Ин ду донишҷӯи ташнаи касбомӯзӣ минбаъд борҳо гуфтаву навиштааанд, ки тӯли таҷрибаомӯзӣ аз кормандони «Овози тоҷик» на танҳо сирру асрори рӯзноманигорӣ, балки як ҷаҳон чизҳои дигари барои рӯзгор муҳимро низ омӯхтаанд.

Дар ҳикояҳои воқеии Аҳмадшоҳи Маҳмадшоҳ «Ангур» симои Авнер Исҳоқбоеви «мухбири серҷаҳлу серҷаҳд», дар «Дуранг» чеҳраи Мӯҳсин Умарзодаи «шоҳмотбози мутафаккир», дар «Сабаки ҳаёт» хислатҳои неки Ҳисомиддин Абдувалиеви «муовини котиби масъули серкору ғамхори таҷрибаомӯзон» ва Бекназар Тӯйназарови «аҷали сигор, вале рафиқи раҳи кордон», дар «Воқеаи ҷолиб» саховатмандиҳои Хӯҷамурод Қӯлдошев ва хушгапиҳои Норқул Шукуров дар либоси танзи нозук тасвир шудаанд.

Қаҳрамони ҳикояи воқеии «Арӯс аз Тошканд» Пирӣ тахаллуси ошиқи шайдои нозаниндухтари тошкандӣ, шарикдарси муаллиф, таҷрибаомӯзи душанбегӣ Бобоҷон Абдулвоҳидов аст, ки қиссаҳои талху ширини ошиқии ӯ бо зевари суҳбатҳои дилнишину амалкардҳои ғамхоронаи кормандони рӯзномаи «Овози тоҷик» Ҷонибек Қувноқ, Қамар Шамсиев, Турсунбой Раҳимҷонов ва дигарон ба риштаи тасвир кашида шудааст.

Пас аз хатми донишгоҳ Аҳмадшоҳи Маҳмадшоҳ ба ҳайси хабарнигор дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон», Телевизиони ҷумҳурӣ, ба ҳайси муҳаррир ва мудири шуъба дар нашриётҳои «Маориф» ва «Адиб» ифои вазифа кард.

Бобоҷон Абдулвоҳидов чандин сол дар нашрияҳои вилоятии «Роҳи ленинӣ» (Кӯлоб), «Ҳақиқати Хатлон» (Қӯрғонтеппа) ба ҳайси хабарнигор, мудири шуъба, солҳои 1993-1998 дар вазифаи муовини сармуҳаррир ва солҳои 1998-2008 (то вафоташ), чун сармуҳаррири нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Садои мардум» фаъолият дошт.

Ҳамакнун мо воқеаҳои ҷариб ним аср пешинаи дар ҳикояи воқеии «Арӯс аз Тошканд»-и Аҳмадшоҳи Маҳмадшоҳ инъикосёфтаро, ки дар китоби «Дили ӯ равшан аз сӯзи дарун буд». - Душанбе: «ЭР-граф», 2023. - с.194-202, бознашр шудааст, моли таъриҳ медонем ва аз симои аксари шахсиятҳои тасвиршуда ба ҳайси «худораҳматӣ», «шодравон» ёд мекунем. Ёдашон гиромӣ бод!

Қироншоҳ ШАРИФЗОДА,
муҳаққиқи журналистика

АРӮС АЗ ТОШКАНД


Аҳмадшоҳи Маҳмадшоҳ

Ман медонистам, ки ишқ чист. Соли дувуми таҳсил ба Мусаллама ном як шарикдарси худ дил баста, ҷабри ошиқиро кашида будам, зеро Мусалламаи паҳлавонҷуссаи тундмичози бераҳм аз чӣ бошад, ишқи маро напазируфт ва дар ҷавоби оҳу воҳ ва сӯхтану пухтанҳои ман ҳамеша муштчаҳои сахту сангинашро ба кор меандохт. Ҳатто, боре шавқи ҷабру зулм аз ӯ (хаёлам баъди хондани мактуби дурударзе, ки дар дарси фалсафа ба назм навишта будам) боло гирифт ва маро чунон шаттакорӣ намуд, ки хаёли ишқ аз сарам парид ва чанд рӯз фақат аз сиёсат гап задам...

Бинобар ин, вақте хабар ёфтам, ки шарикдарсам Пирӣ ба як духтари соҳибҷамоли тошкандӣ ошиқ шудааст, дарҳол пурсидам: вазни хоси вай чанд кило аст, ба варзиш, алалхусус ба намуди каратэ, рағбат дорад ё не, оё дар мизоҷаш тундӣ ҳис намешавад. Баъд, албатта, маслиҳат додам: зинҳор, дар пеши маҳбубаи худ оҳу воҳ накунад, ба вай мактубҳои ошиқона нанависад.

Пирии навошиқ аз суолу маслиҳатҳои ман ҳайрон шуд, вале чуну чаро накард. Шояд, он лаҳзаҳо сармасти суханҳои духтари тошкандӣ буду такаллуми тоҷикӣ ба гӯшаш намеформид. Суханҳои сеҳрноки аз маҳбубааш шунидаи Пирии ба забони ӯзбекӣ нобалад чунин буданд: «Йӯлимни тӯсма. Юқол!». Яъне: «Раҳамро набанд. Гум шав!...».

Бояд гуфт, ки Пирӣ зуд ба вартаи ишқ афтод. Ҳеҷ аз ёдам намеравад шабе, ки рӯзи дигараш бояд ба мулоқоти нахустин мерафт. Пирӣ то саҳар ду қуттӣ «Прима» кашид, се бор сар шуст ва дувоздаҳ маротиба маро аз хоби ширин бедор кард, то бубинам, ки мӯйлабашро дуруст қайчӣ задааст ё не? Ба ин сабаб рӯзи дигар ба кор дер мондам. Ҷонибек Қувноқ чашмони суп-сурх ва ғамёзаҳои пай дар пайи маро дида, табассуми асроромезе кард.

- Ҳа, шоир, ошиқ шудӣ-чӣ?

- Ман не, рафиқам ошиқ шудааст, - бо андуҳ хабар додам.

Ҷонибек аз чӣ бошад, як қад парид.

- Пирӣ?

Ҷонибек Қувноқ

- Ҳа. Имшаб то саҳар бедор буд ӯ. Шиму курта ва дастрӯмолашро се бор дарзмол карда, шаш бор ба мӯяш равғаи молид ва як шиша атри фаронсавиро ба рӯю танаш пошида, ба мулоқот рафт.

Ҷонибек қаҳқос зада хандиду бори дигар ба рӯйи ман зеҳн монд.

- Чапасар ба хобгоҳ рафта, аз хоб сер шав, шоир. Аҳволат бад.

Воқеан, дар ғаладони миз як даста мактубҳои мухбирони ҷамоатии рӯзнома мехобид, ки ман бояд ба онҳо ҷавоб менавиштам.

- Мактубҳо чӣ мешаванд?

Ҷонибек боз хандид.

- Ба чунин аҳвол ҷавоб навиштан он тараф истад, ҳатто қаламро бардошта наметавонӣ. Хез, шоир, рав. Хоб чизи хуб аст.

Аз идора баромада, аз мағоза оинае харидаму ба хобгоҳ омада, худро ба симкат партофтам.

Намедонам чанд соат хобидам. Як вақт бедор шуда бинам, Пирӣ аз мулоқот баргаштааст ва табассуми асроромезе дар лабу чашм ба шифти ҳуҷра «Прима» дуд медиҳад.

- Хайр, мулоқот чӣ хел гузашт?

- Нағз гузашт,- пасмондаи сигори дасташро ба хокистардон партофта, навашро дарги-ронд Пирӣ. – Худо хоҳад, пагоҳ ҳам нағз мегузарад.

- Чӣ, боз? – хавотиромез ба ӯ нигаристам.

- Ҳа, - чашм аз шифт наканда, ғурунгид Пирӣ. - Мо акнун ҳар рӯз вомехӯрем.

Ростӣ, аз гапҳои ӯ ҳайрон шудам. Ин чӣ гуна ишқ аст, ки... Охир Мусаллама…барои чӣ таги чашмони Пирӣ сиёҳ нест?. Ё ишқи ӯзбекӣ аз ишқи тоҷикӣ фарқ мекунад?..

Ман бархоста, оинаро ба Пирӣ додам.

- Ин туҳфаи ман ба ту. Садқаи муйлабат шавам, дигар ба хоби ман халал нарасон.

Пирӣ чизе нагуфта, аз оина мӯйлабашро дид ва якбора димоғаш сӯхт, чунки як тарафи он ғафс буду тарафи дигараш борик...

Маош доданд. Ҳамкорон баробари гирифтани он як-як аз идора ғайб заданд. Пойи ману Пирӣ ҳам мехорид, ният доштем ба як тарабхона рафта, муддаои табъ «ташнагӣ» шиканем. Ҳаққи қаламе, ки он рӯз гирифтем, ниҳоят бисёр буд – се баробари идрорпулии донишҷӯй. Ин қадар маблағ дар ҷайбат бошаду ду кулча ва миқдоре чойи қоқу қанд харида, ҳушёр ба хобгоҳ равӣ... «Не, айб аст – мегуфтем. - Ғайр аз ин, мо ҳам одам ҳастем, ҳақ дорем, ки баъзан аз нозу неъмат ва лабханди пешхидматҳои нозанини тарабхонаҳои беҳтарин сархуш гардида, калавем».

Як вақт дари ҳуҷра кушода шуду овози Қамар Шамсиев баромад.

- Эҳ, шумо ҳоло ҳам дар ҳамин ҷо-ку. Хезед, марш ба «Зарафшон»!

«Зарафшон» номи тарабхона буд. Бинобар ин, ҳадаҳа қаламу қоғази болои мизро ғундоштем.

Дар долон Ҷонибек Қувноқу Турсунбой-ака Раҳимҷонов ба

Бобоҷон Абдулвоҳидов

мо ҳамроҳ шуданд. Таҳти мушояати Қамар Шамсиев ба тарабхонаи «Зарафшон» рафта, дар яке аз базмхонаҳои ошёнаи дувум «лангар» партофтем.

Бояд гуфт, ки базми оншаба аз чанд ҷиҳат хотирнишин буд. Аввалан, мо ба мақсад расидем, яъне калавида-калавида ба хобгоҳ рафтем. Сониян, аз ҳикоятҳои ширин ва табассумҳои аз ҳикоятҳояш ҳам ширинтари Турсунбой-ака, латифаҳои обдору рақсҳои пиронаи Қамар Шамсиев ва суханҳои пандомезу шеърҳои дилошӯби Ҷонибек ба шавқ омада, бовар кардем: зиндагӣ, дарвоқеъ ҳам, бисёр аҷиб аст.

Ин базм боз аз он ҷиҳат фаромӯшнопазир буд, ки собит кард: Ҷонибек Қувноқ на фақат шоири бомаҳорат аст, балки дар фолбинӣ ҳам устухон надорад.

Дар хотирам намондааст: ба фолкушоии ӯ чӣ сабаб шуд. Ба хаёлам, Пирӣ ба ҷанбаи воқеӣ доштани кадом як ҳикояти Турсунбой-ака Раҳимҷонов шубҳа карда гуфт: «Афсона, хиради инсон ба чунин дурбинии дақиқ қодир нест»...

Ин дам Ҷонибек қадаҳашро болои миз монда, ба Пирӣ рӯй овард ва гуфт, ки беҳуда мункир мешавад, неруи хиради инсон бузург аст. Ҳатто одамони одӣ метавонанд пешгӯиҳои дақиқ кунанд. Ва инро ҳамон лаҳза собит намуд. Яъне, дасти Пириро ба даст гирифта, муддате ба кафи он зеҳн монду суханҳое гуфт, ки...

(Давом дорад)

Ба озмуни ҷумҳуриявии сайёҳӣ

МУЪҶИЗАИ МУОСИР

Вақте офаридаҳои ҳампешагонро зимни намоиш ё маҳсули корашонро дар ин ё он толор, биноҳои муҳташами осорхонаю чойхонаҳо мебинам, ба хулоса меоям, ки мафҳумҳои рассомӣ, наққошӣ, наҳҳорӣ, кандакорӣ, парчинкорӣ, гаҷкорӣ, кошинкорӣ бо вожаи зебой тавъаманд. Зебоии волою асиле, ки беихтиёр ба торҳои дил нохун мезанаду инсонро ба ваҷд меорад, чашмонаш медурахшанд, андеша ва тахайюлаш ба ғалаён меоянд.

Ҳамон зебоие, ки рӯҳи кас аз дидани он ба парвоз меояд ва муносибаташ ба худу атрофиён дигаргун мешаваду одамияташ меафзояд, хоса, агар ин зебоиро инсонҳои боистеъдод офарида бошанд. Ҳамин аст, маънои таъкиди нависандаи барҷаста: «Зебой оламро наҷот медиҳад». Дил мехоҳад илова намояд, ки одамро низ.

Рисолаи «Кохи беназир»-и Садриддин Ҳасанзода аз зумраи асарҳоест, ки чунин зебоиро таҷассум мекунад. Он аз таъриҳи бунёди Кохи Наврӯз, ки асари мукаммали санъати меъморию наққоширо монда, бозёфти эҷодии даҳҳо ҳунарманди асил, зебоишиносу ҷонфидо, эҳёгарони ҳунарҳои гуногуни анъанавию бисёрасраи миллати тоҷик мебошанд, ҳикоя мекунад.

Асар аз ибтидо то интиҳо саршори ғурури хосаи миллӣ мебошад. Ин кох, бешубҳа, аз силсилаи беҳтарин ва камназиртарин падидаҳои фарҳангӣ, эҷозӣ санъати меъморию ҳунарии миллӣ ба шумор меравад. Ин кохи беназир дар як муддати кӯтоҳ миёни дӯстдорони ҳунар машҳур гашт. Сарони давлатҳои гуногуни дунё ва ҳазорон сайёҳон баъд аз тамошои толорҳои он Кохи Наврӯзро «Муъҷизаи муосир» номиданд.

Муаллифи рисола, муаллифи лоиҳа, даҳҳо устоҳои содиқу забардаст зимни ёддошти худ, ки дар муддати нуҳ сол ҷамъ овардаанд, ин ҳақиқатро эътироф намудаанд, ки: «Сармеъмор, муаллиф, маслиҳатгар, илҳомбахш, нозукбину дурандеш, таҳлилгари борикбин, поягузори Кохи Наврӯз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд».

Онҳо боз даҳҳо лаҳзаҳои пурэҳсоси худро аз соатҳои аввали падид омадани ғоя, андеша, интихоби мавзеъ, аз чойхона ба кох табдил ёфтан, тарзу усули ороиши толорҳои пуршукӯҳу нотакрор, интихоби рангҳо, чӯбҳо, сангҳо, ба эътибор гирифтани анъанаҳои таърихӣ, ташаккули маъно ва рамзҳо... бо меҳр ба забой ба хонандагон қисса мекунанд.

Муаллифи рисола як қатор лаҳзаҳои хотирмони дигарро, ки ҳини ташрифи Сарвари давлат ва ошной ба ҷароёни сохтмони кохи мазкур сурат мегирифт, аз забони устоҳо дар рисола ҷо додааст, ки далели ғамхориҳои пайвастаи Пешвои муаззами миллат ба рӯзгори иҷтимоии садҳо ҳунарманд мебошад.

Аз нигоштаҳои муаллиф эҳсос мешавад, ки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на фақат ба иншооти боҳашамати Кохи Наврӯз, балки ба ҳунармандон, ки аз ҷӯшаю канори ҷумҳурӣ ҷамъ омада буданд, бо меҳру муҳаббати хоса муносибат мекунанд. Камина, ки яке аз иштирокчиён ва шоҳиди он мулоқоти судманд будам, бо эътимоди комил гуфта метавонам, ки маҳз ба шарофати ғамхориҳои Пешвои миллат марҳилаҳои бунёди кох ба мактаби камолот, ташаккули ҳунар, ваҳдати ҳунармандон, мактаби боварӣ ба ҳунари худу мероси ниёгон табдил ёфта буд.

Ҳангоме муаллиф С. Ҳасанзода самимона ба тасвиру тафсир ва инъикоси муҳтавои толорҳои кох - Дидор, Аржанг, Зарандуд, Гулистон ва рукнҳои онҳо, нақшҳо, шоҳсутунҳо, қандилҳо мепардозад, он ҳама зебоиро пеши назари хонанда ҷилвагар мешаванд. Баъд аз мутолиаи рисола дар дили ҳар хонанда ҳатман хоҳиши дидани Кохи Наврӯз, ки садсолаҳо пойбарҷо хоҳад монд, пайдо мешавад. Мутмаинам ҳадафи ниҳоии муаллиф ҳам ҳамин аст.

Олим РАБИЕВ,
академики Академияи мусаввирони Тоҷикистон,
доктори илмҳои фалсафа дар соҳаи
санъати ҷаҳонӣ, профессори Донишгоҳи байналмилалии таълими бунёдӣ

Тавсия

СУДУ ЗИЁНИ ОБҲОИ ГАЗДОР ВА ҚУВВАТДИҲАНДА

Баробари фаро расидани фасли тобистон ва баланд шудани ҳарорати ҳаво талабот ба оби ошомиданӣ бештар мегардад. Бояд мадди назар дошт, ки на ҳама обе, ки дар кӯчаю мағозаҳо фурӯхта мешаванд, фоидабахшанд.

Пизишкон нӯшокиҳои рангдору газдорро дар баъзе маврид барои саломатии инсонҳо зараровар меҳисобанд. Азбаски ин гуна обҳо дар таркибашон туршии зиёд доранд, баъд аз истеъмоли хӯроки душворҳазм як-ду пиёла аз он нӯшидан барои ҳазми хӯрок ёрӣ медиҳад, вале истифодаи мунтазами онҳо ба саломатӣ зарар мерасонад.

Тавре табиби оилавии маркази саломатии №13-и шаҳри Душанбе Шоингул Сабурова гуфт, сироп ва қанде, ки дар таркиби ин нӯшокиҳо мавҷуд аст, кори ғадуди зери меъдаро халалдор месозанд ва ба бемории диабети қанд оварда мерасонанд. Ин моддаҳо дандонро низ сиёҳ мекунанд ва эмали дандонро мерезонанд.

- Дар меъдаи холӣ нӯшидани ин гуна обҳо метавонад касро ба бемории захми меъда, рӯдаи дувоздаҳангушта, бемории ҷигар ва гурда мубтало созад. Ҳини баланд будани ҳарорати бадан низ нӯшидани чунин нӯшобаҳо ба организм зарар дорад. Ин амал шабеҳи он аст, ки болои оташ сӯзишворӣ мерезед. Ташхис муайян намуд, ки захми меъда дар ҷавонон бештар аз чунин нӯшокиҳо пайдо мешаванд, - гуфт ҳамсуҳбати мо.

Баъзан бонувони ҳомила низ ойи газдор менӯшанд, ки пизишкон онро барои зан ва кӯдаки батни ӯ хатарнок мешуморанд.

Шоингул Сабурова нӯшокиҳои қувватдиҳандаро, ки имрӯзҳо ҷавонон барои рафъи хастагӣ истифода мебаранд, низ зарарнок ҳисобид.

- Чунин нӯшокиҳо дар таркибашон глюкоза, кофеин, теобромин, таурин ва моддаҳои дигари ба асаби инсон таъсиркунанда доранд. Ин моддаҳо эҳсоси хастагиро дар инсон коҳиш дода, қобилияти равониро зиёд, ҳамчунин, кори набзро метезонанд. Ин ҳолат 3 соат давом мекунад, аммо моддаҳои зикршуда аз бадани инсон дер хориҷ мешаванд, - афзуд ӯ.

Интихоби оби безарар ва риояи қоидаҳои истеъмоли он имкон медиҳад саломатӣ муътадил нигоҳ дошта шавад. Ҳамсуҳбати мо нӯшидани оби чашмаро тавсия медиҳад. Ҳамчунин, пешниҳод намуд, ки бонувон аз меваҷоти тару тозаи маҳаллӣ шарбат омода намоянд. Ин гуна шарбат безарар буда, барои саломатии инсон манфиат дорад.

Марҷона СОЛИҲЗОДА,
«Садои мардум»

ДУ РАВИЯИ ЯК РАССОМ

Ё талоше дар шинохти асрори мӯқалами Зокир Собиров

Нигораҳои офаридааш аз тасвирҳои наққошони дигар тафовут доранд. Албатта, ӯ низ чун дигар рассомон андешаҳои файласуфонаю шоironаашро аз воқеаҳои зиндагию олами ҳастӣ бо рангҳои сафеду сабз, сиёҳу зарду бунафш… баён менамояд, аммо усули истифодаи рангҳо ва техникаи пешниҳоди асарҳо куллан фарқкунандаанд. Ин дигаргунӣ танҳо ва танҳо махсуси ҳунари рассомии ӯ мебошад, ки ҳоло дар санъати рассомӣ чун ду равияи нав: «Нурворизм» ва «Танворизм» шинохтаю этироф гардидааанд. Мусаввир бо ин равияҳо, ки таъриҳи тӯлонӣ надоранд, Тоҷикистонро берун аз кишвар, дар намоишгоҳҳои байналмилалӣ борҳо сазовор муаррифӣ намуда, ҷоизаҳои зиёдро соҳиб шудааст. Шоҳҷоизаи «Уқоби тиллой» дар ИМА, «Беҳтарин рассом» (соли 2018) дар Украина аз зумраи онҳо мебошанд.

Чанде пеш дар Осорхонаи миллӣ намоиши мусаввараҳои ӯ зери унвони «Ду равияи як рассом» доир гардид, ки онро метавон аз муҳимтарин воқеаҳои фарҳангии соли равон номид. Намоиш ба 50-солагии фаъолияти эҷодии мусаввир бахшида шуда буд.

Қабл аз ифтитоҳи он мутахассисони соҳа эҷодиёти рассомро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, ӯро дар таъриҳи наққошии ҷаҳон муаллифи ду равия муаррифӣ намуданд. Гуфтанд, ки рассоми хушзавқ ин равияҳоро бо номҳои миллӣ - «Нурворизм» ва «Танворизм» ба ҷомеаи байналмилалӣ муаррифӣ намудааст.

Коршиносон равияҳои ӯро дар санъати тасвирии миллию ҷаҳонӣ падидаи ҷадид арзёбӣ карда, онҳоро бо вижагиҳои хоси эҷодӣ ва унсурҳои табииашон сарвати миллии тоҷикон шумориданд.

Вожаи «Нурворизм»-ро чунин шарҳ доданд: он аз калимаҳои тоҷикӣ, арабӣ ва лотинӣ (нур, вор, изм - гароиш ба чизи шабеҳи нуру фазо, дорои нур, такрори фазо ба нур ва он чӣ аз нур таркиб меёбад) гирифта шуда, нигоҳи хос ба воқеият мебошад. «Нурворизм» - равияи танзимкунандаи физикии нур мебошад, ки ба фазо омезиш ёфта, нахуст дар мафкура тавлид мегардад ва пасон дар дохили образ ва дар шакли асар мезияд. «Нурворизм» дар мусаввараҳои монументалӣ, ороиши театрӣ ва либос истифода шуда, интизор меравад ояндаи наздик дар санъати меъморӣ тадбиқ гардад.

«Танворизм»-ро чунин шарҳ доданд: аз калимаҳои тоҷикию лотинӣ (тан-вор-изм - гароиш ба он чӣ дар шакли номуайянӣ қарор дорад, монанди матоъ ё ҷомавор) гирифта шуда, моҳияти табиат, андешаю шаклу намои мухталиф дорад, ки мо ҳамарӯза онро дар шакли либос, парда, рӯйҷо мебинем. Ба гуфти ҳунаршиносон «Танворизм» ҳастии дунё, ҳатто он ҷузъҳоеро, ки ба чашми инсон ноаёнанд, боз мекунад.

Дар намоиш намунаҳои барҷастаи эҷодиёти рассом дар самти табиатнигорӣ, ороиши саҳна, меъморӣ, чеҳраофарӣ, воқеиятнигорӣ ба маъраз гузошта шуданд. Ин асарҳо дар қолаби танзими нур ва шаклдиҳии матоъ тасвир ёфта, хеле ҷолибанд.

Яке аз асарҳои наққош, ки дар он воқеияти талхи таъриҳи начандон дури кишвар хеле моҳирона тасвир гаштааст, «Фарёди солҳои 90-ум» мебошад. Ба

асар наметавон бетафовут назар кард. Он ҳузнангез буда, баробари диданаш солҳои нобасомони ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ки ба сари миллати тоҷик тирарӯзҳои бешумор овард, пеши назар меоянд.

Рассом бо забони рангҳо аз рӯзҳои даҳшатбори гузашта бо мо суҳбат мекунад, то ба қадри сулҳу оромише, ки имрӯз дорем, бирасем. Меҳоҳад ба тамошогарон аз гузашта сабақ омӯзонад, онҳоро суи некию рӯшной раҳнамун созад ва рисолати зиёӣ будани хешро назди ҷомеа иҷро намояд.

Ҳар як ҷузъиёте, ки дар ин асар мебинем, рамзеро мемонад, ки дар он маъние нуҳуфтааст. Дар нигоҳи аввал миёнҷои асар матои сафедеро метавон дид, ки кафанро мемонад, аммо чун жарфтар назар афканему маънӣ бичуем, зани кафанпечеро мебинем, ки атрофаш ҳавопаёмоҳои хурд дар парвозанд. Болотар тасвири дигаре шабеҳи офтобро метавон мушоҳида кард, аммо ин офтоб шуъла надорад ва ба атроф нур намеафканад. Тамошогар ҳам бо дидани ин офтоб ҳеҷ гармие эҳсос наменамояд. Ҳама чӣ сард ба назар мерасад. Офтоби бенур ҳам чеҳра ё ҷисми худи бонуст, ки сард аст, дигар нуру гармие надорад.

Осмон тира аст. Аз он қатраҳо шабеҳи борон ба замин меборанд, аммо борон нестанд. Ин қатраҳоро рассом бо ранги сурх тасвир намудааст. Бале, хунанд ин қатраҳо, хуни даҳо модарону тифлони бегуноҳ, ки дар он рӯзҳои наҳс ба замин рехтанд.

Қудрати мӯқалами наққош чунон аст, ки кас дар назди асар истода, садои дардолудаи «Фарёди солҳои 90-ум»-ро мешунавад. Ин фарёд, агарчи маҳзун аст, моро бедор менамояд…

Қисме аз асарҳои намоишро чеҳраҳои офаридаи Зокир Собиров ташкил медиҳад. Онҳо нафарони одӣ нестанд, балки бузургоне чун Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Садриддин Айнӣ ва шахсиятҳои шинохта, аз ҷумла шоирон Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Гулназар Келдӣ, ҳунарпеша Марям Исоева, мебошанд, ки қавиирodaанд, рӯҳияи шикастнопазир доранд ва дар рушди фарҳангу адабиёт ва соҳаҳои гуногуни кишвар саҳми мондагор гузоштаанд. Онҳоро рассом дар доираи «Нурворизм» аз чанд паҳлу, бисёррӯя ва тавассути раҳҳои зиёд тасвир намудааст.

Рассом дар бисёр асарҳои офаридааш талош мекунад асрори ҷузъҳоеро, ки аслан ба чашм аён нестанд, нишон диҳад. Яке аз чунин асарҳои ӯ «Симои вандализм» мебошад.

Вандализм истилоҳест, ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маъноии бераҳмона несту нобуд ва хароб кардани осори пурқимати маданият ва санъат омадааст. Аммо рассом аз тахайюли бою рангини хеш талош намудааст симои вандализм, моҳияти табиат ва шаклу намои онро тавассути равияи «Танворизм» нишон диҳад.

«Фалак», «Тахти хирад» ва чанде дигар, ки аз силсилаи «1001 шаб» мебошанд, ҷолибанд.

Чизи дигаре, ки таваҷҷуҳи тамошогаронро мекашад, силсилаи асарҳои сайёраҳои «Манзумаи Офтоб» мебошад, ки дар намоишгоҳ ҷойгоҳи хоса доранд. Беҳтар ин аст, ки ин ҳама зебоию навовариро бо чашм худ бубинед.

Фарзона ФАЙЗАЛӢ,
«Садои мардум»

ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

ХАДАМОТИ ГУМРУКИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

барои қабул намудан ба хизмат дар мақомоти гумрук ба вазифаҳои зерин ОЗМУН эълон мекунад:

ДАСТГОҲИ МАРКАЗИИ ХАДАМОТ (3 воҳид):
Шуъбаи оперативии навбатдорӣ
- нозир - 2 воҳид.
Маъмурияти системаи иттилоотии автоматонидашудаи ягона
- нозир – 1 воҳид (барномасоз).

РАЁСАТИ МИНТАҚАВИИ ГУМРУКӢ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ (5 воҳид):
Шуъбаи муҳофизати гумрукӣ ва таъминоти низом
- нозир - 1 воҳид.
Гумрук дар «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе»
Дидбонгоҳи гумрукии назорати мусофирон
- нозир - 2 воҳид;
- нозир - 2 воҳид;
- нозир кинолог - 2 воҳид.

РАЁСАТИ МИНТАҚАВИИ ГУМРУКӢ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД (9 воҳид):
Гумрук дар «Фурудгоҳи байналмилалии Хучанд»
Дидбонгоҳи гумрукии назорати мусофирон
- нозир – 2 воҳид;
- нозир кинолог - 1 воҳид.
Гумрук дар Истгоҳи роҳи оҳани Бобоҷон Ғафуров
Дидбонгоҳи гумрукӣ дар Истгоҳи роҳи оҳани Спитамен
- нозир - 1 воҳид (ҷинси зан).
Гумрук дар ноҳияи Зафаробод
Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Зафаробод
- нозир – 1 воҳид.
Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Ҳавотоғ
- нозир – 1 воҳид.
Гумрук дар ноҳияи Ашт
Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Навбунёд
- нозир – 1 воҳид.
Гумрук дар шаҳри Истаравшан
Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Истаравшан
- нозир – 1 воҳид (ҷинси зан).
Гумрук дар шаҳри Исфара
Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Гулистон
- нозир - 1 воҳид.

РАЁСАТИ МИНТАҚАВИИ ГУМРУКӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН (3 воҳид):
Шуъбаи муҳофизати гумрукӣ ва таъминоти низом
- нозир - 1 воҳид.
Гумрук дар шаҳри Бохтар
-Дидбонгоҳи гумрукӣ дар «Фурудгоҳи байналмилалии Бохтар»
- нозир – 1 воҳид (ҷинси зан).
Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Кокул
- нозир – 1 воҳид.

РАЁСАТИ МИНТАҚАВИИ ГУМРУКӢ ДАР ВМКБ (7 воҳид):
Шуъбаи муҳофизати гумрукӣ ва таъминоти низом
- нозир – 1 воҳид.
Гумрук дар ноҳияи Мурғоб
Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Қизил-Арт (ноҳияи Мурғоб)
- нозир - 1 воҳид.
Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Қизил-работ (ноҳияи Мурғоб)
- нозир - 1 воҳид.
Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Рузвай (ноҳияи Дарвоз)
- нозир - 1 воҳид.
Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Хумроғӣ (ноҳияи Ванҷ)
- нозир - 1 воҳид.
Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Тем (шаҳри Хоруғ)
- нозир - 1 воҳид.
Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Ишкошим
- нозир - 1 воҳид.

РАЁСАТИ МИНТАҚАВИИ ГУМРУКӢ ДАР ШАҲРИ ТУРСУНЗОДА (3 воҳид):
Шуъбаи муҳофизати гумрукӣ ва таъминоти низом
- нозир - 1 воҳид.
Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Дӯстӣ
- нозир-кинолог - 1 воҳид.
Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Ҳисор
- нозир – 1 воҳид (ҷинси зан).
1. Талабот барои иштирок дар озмун:
- шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- синну сол аз 20 то 35;
- маълумоти олӣ аз рӯи ихтисоси фаъолияти гумрукӣ;
- донистани забонҳои давлатӣ, русӣ ва англисӣ;
- қобилияти кор бо технологияи иттилоотии муосир.

Маоши вазифавӣ - аз 1435 сомонӣ то 1576 сомонӣ.

Барои рутба ва собиқаи корӣ маоши иловагӣ дода мешавад.

2. Довталабон бояд дорои одоби хуби муносибат ва муошират буда, бо ахлоқи намунавӣ, кордонӣ, касбӣ, тайёрии ҷисмонӣ ва ҳарбӣ, инчунин, вазъи саломатии хуб аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда бароянд.

3. Довталабон оид ба қоидаҳои гузаронидани озмун барои қабул ба хизмат дар Хадамоти гумрук метавонанд аз сомонаи расмии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **www.gumruk.tj** маълумот дастрас намоянд.

4. Аз довталабон ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешавад:
- ариза ба номи сардори Хадамоти гумрук;
- шарҳи ҳол ва пурсишнома (аз ҷониби мақомот дода мешавад);
- 4 адад сурат бо андозаи 3/4 ва 2 адад бо андозаи 9/12;
- нусхаи шиноснома;
- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи маълумоти касбӣ;
- эъломия дар бораи даромад ва вазъи молумулкӣ;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (барои довталабони собиқаи коридошта);
- нусхаи билети ҳарбӣ (ба ғайр аз занҳо);
- тавсифнома аз ҷои кори охирин (характеристика);
- тақриз (отзыв);
- дигар ҳуҷҷатҳое, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд.

5. Ҳуҷҷатҳо аз тарафи раёсати кадрҳо ва кор бо ҳайати шахсии Хадамоти гумрук дар муҳлати то 21 рӯзи корӣ баъди нашри эълон қабул карда мешаванд.

6. Санҷишу имтиҳонҳо аз 3 марҳила иборат мебошад (марҳилаи 1 ба тариқи тестӣ, марҳилаи 2 навиштани кори хаттӣ-диктант ва марҳилаи 3 ба тариқи суҳбат).

Нишонӣ: шаҳри Душанбе, кӯчаи Бухоро -50/1, бинои дастгоҳи марказии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Телефонҳо барои маълумоти иловагӣ: 223-12-16 ва 221-16-92 (илова 121).

БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!

ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

т/р	№ ДИО	Ташкилоти харидор	Мавзуи харид	Усули харид	Навъи харид	Миқдори номгӯй	Санаи анҷоми қабули дархостҳо
1	423935	Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №117-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе	Таъмири ҷории бинои муассиса	Озмуни кушод	Кор	1	09.08.2024 11:30:00
2	423925	Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе	Сӯзишвории дизелӣ, бензин, равғанҳои молиданӣ, автомобилӣ ва битум	Озмуни кушод	Мол	9	12.08.2024 15:59:24
3	423921	Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе	Молҳои хоҷагидорӣ, масолеҳи сохтмонӣ, тухмии алафҳои ҳамешасабз, ниҳоли гулу дарахт, латта барои тоза кардани фарш ва нуриҳои органикию маъданӣ	Озмуни кушод	Мол	19	19.08.2024 15:02:48
4	423924	Беморхонаи марказии шаҳрии шаҳри Роғун	Таъмири ҷории бинои беморхона	Озмуни кушод	Кор	1	19.08.2024 15:50:00
5	423927	Муассисаи давлатии «Литсей барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Хуҷанд	Хӯрокворӣ	Озмуни кушод	Мол	58	19.08.2024 16:05:35
6	423926	Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Душанбе	Таъмири ҷорӣ ва васлкунии ноқили барқӣ дар бинои Филиали Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хун» дар шаҳри Хуҷанд	Озмуни кушод	Кор	1	19.08.2024 16:30:00
7	423928	Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Барқи Тоҷик»	Қисмҳои эҳтиётӣ ва равғани молидании зарурӣ барои таъмири автомашинаҳои тамғаи «Дулан» ва «Шакман»	Озмуни кушод	Мол	275	19.08.2024 17:15:35
8	423922	Муассисаи давлатии кумаки аввалияи тиббӣ-санитарии ноҳияи Айнӣ	Доруворӣ ва молҳои тиббӣ	Озмуни кушод	Мол	39	20.08.2024 08:32:33
9	423923	Беморхонаи шаҳрии №2-и шаҳри Хуҷанд	Масрафшавандаи тиббӣ ва доруворӣ	Озмуни кушод	Мол	23	20.08.2024 08:32:33
10	423929	Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №150»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе	Таъмири ҷории бинои муассиса	Озмуни кушод	Кор	1	20.08.2024 09:00:00
11	423930	Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони нобинои шаҳри Ҳисор	Таъмири ҷории бинои мактаб-интернат	Озмуни кушод	Кор	1	20.08.2024 09:00:00
12	423931	Муассисаи давлатии таълими томактабии «Кӯдакистони №44»-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе	Таъмири ҷории бинои муассиса	Озмуни кушод	Кор	1	20.08.2024 10:05:00
13	423933	Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи тиббию судӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе	Таъмири ҷорӣ дар бинои муассиса	Озмуни кушод	Кор	1	20.08.2024 10:30:00
14	423932	Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Рӯдакӣ	Ангишт	Озмуни кушод	Мол	1	20.08.2024 10:30:12
15	423934	Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон	Молҳои нарм	Озмуни кушод	Мол	7	20.08.2024 11:00:00
16	423936	Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара»	Таъмири ҷории роҳҳои дохилӣ дар ҳудуди МОИ «Данғара»	Озмуни кушод	Кор	1	20.08.2024 11:30:00
17	423937	Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе	Таъмири ҷории намои бинои МДТТ «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №126»-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе	Озмуни кушод	Кор	1	20.08.2024 11:40:00
18	423940	Муассисаи давлатии таълими томактабии №5-и ноҳияи Ёвон	Хӯрокворӣ	Озмуни кушод	Мол	27	20.08.2024 11:45:10
19	423939	Муассисаи давлатии таълими томактабии №1-и ноҳияи Ёвон	Хӯрокворӣ	Озмуни кушод	Мол	27	20.08.2024 11:45:50
20	423938	Муассисаи давлатии «Раёсати обёрӣ»-и шаҳри Душанбе	Азнавсозии канали Ҳазора дар ҳудуди ноҳияи Шоҳмансури кӯчаи Дӯстии халқҳо	Озмуни кушод	Кор	1	20.08.2024 13:00:00
21	423942	Муассисаи давлатии «Кӯдакистони президентӣ» дар вилояти Суғд	Хӯрокворӣ	Озмуни кушод	Мол	64	20.08.2024 14:14:14
22	423944	Муассисаи таҳсилоти томактабии №5 ба номи «Гулғунча»-и шаҳри Панҷакент	Хӯрокворӣ	Озмуни кушод	Мол	30	20.08.2024 14:14:14
23	423943	Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон	Коғази офисӣ	Озмуни кушод	Мол	1	20.08.2024 14:15:16
24	423945	Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе	Бензин	Озмуни кушод	Мол	1	20.08.2024 14:30:00

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал мурочиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

Суроғаи: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

АГЕНТИИ ХАРИДИ ДАВЛАТИИ МОЛ, КОР ВА ХИЗМАТРАСОНИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

барои ишғол намудани мансаби холии маъмурии хизмати давлатии зерин ОЗМУНИ КУШОД эълон менамояд:

Бахши ҳуқуқ, такмил ва мониторинги хариди давлатӣ:
Номгӯи мансаб:
- сармутахассис – 1 воҳиди корӣ (таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ ё иқтисодӣ, 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ), маоши мансабӣ - 2204 сомонӣ.

Малакаи хуби роҳбарӣ, муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ, кор бо компютер ва таҷҳизоти коммуникатсионии идоравӣ, донистани забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ барои ҳамаи довталабон, ҳатмист.

Ба шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд, забонҳои хориҷиро медонанд ва унвонҳои соҳавии илмӣ доранд, афзалият дода мешавад.

Довталабон ба комиссияи озмунӣ ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:
- ариза ба унвони роҳбари мақомоти давлатӣ (шакли муқарраршуда);
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо ду дона сурати андозаи 4х6);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи таҳсилот;
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи собиқаи меҳнатӣ (дафтарчаи меҳнатӣ);
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсони дорои уҳдадории ҳарбӣ);
- маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ (шакли 038);
- нусхаи гувоҳнома аз мақомоти андоз (РМА);
- маълумотнома аз ҷои зист;
- нусхаи шаҳодатномаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ (СИН);
- маълумотнома дар бораи надоштани доғи судӣ (аз Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Довталабон метавонанд ҳуҷҷатҳои мазкурро тавассути суроғаи электронии **info@zakupki.gov.tj** ё бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Шотта Руставелӣ-22** пешниҳод карда, маълумоти иловагиро дар хусуси низоми озмун, салоҳият ва вазифаҳои мансабӣ ба воситаи телефони **227-66-21** ё сомонаи **www.zakupki.gov.tj** дастрас намоянд.

Муҳлати ниҳоии қабули ҳуҷҷатҳо 21 рӯз пас аз нашри эълони мазкур дар воситаҳои ахбори омма **(то соати 17⁰⁰)** муқаррар мешавад.

КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

16-уми августи соли 2024 музоядаҳои № 39 ва 40-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд

Музоядаи № 39

№	Номгуи амвол	Воҳиди ченак	Миқдор	Нархи ибтидой (бо сомонӣ)
1	Сангҳои ороишӣ (мозаика) 82м²	м²	82	2460
2	Оби ҷави навъи «Қибрай» 0,5	адад	72	504
3	Зарфҳои пластмассӣ барои обнӯшии якдафъаина	адад	6000	900
4	Хокаи ҷомашӯйи навъи «Миф», истеҳсоли Федератсияи Россия	кг	60	900
5	Сангҳои мармари сафеди гуногунандозаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар умум 34 м²	м²	34	2040
6	Чӯроби кӯдаконаи тобистонаи истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон	адад	276	552
7	Собуни хоҷагии навъи «Melek», истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон	адад	576	864
8	Табақчаи сафолини истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон	адад	350	1750
9	Дафтари 12-варақаи истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон	адад	1000	500
10	Зарфи пластмассии ғунҷоишаш 22-литра, истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон	адад	15	600
11	Зарфи пластмассии ғунҷоишаш 500-литра, истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон	адад	10	5000
12	Оби ҷави навъи «Қибрай», истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон	адад	100	700
13	Маҳсулоти косметикии крем барои пойафзол навъи «AURORA», истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон	адад	200	400
14	Собуни хоҷагии вазни 45-грамма, навъи «Melek», истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон	адад	384	576
15	Зарфҳои пластмассӣ барои обнӯшии якдафъаина, истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон	адад	1500	225
16	Пиёлаи истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон	адад	450	1350
17	Табақчаи сафолини истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон	адад	300	1800

Музоядаи № 40

№	Номгӯи амвол	Воҳиди ченак	Миқдор	Нархи ибтидой (бо сомонӣ)
1	Маҳсулоти «Шири хушк» дар ҳаҷми 400 халта, Ҷумҳурии Қирғизистон	кг	10000	180000

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол», оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

16-уми августи соли 2024 музоядаи № 28-ро оид ба фурӯши воситаи нақлиёти зерин барпо менамояд:

- Тойота Ленд Крузер, рақами давлатӣ - 873 ZA 01, соли барориш ё баистифодадиҳӣ - 1997. Мансуб ба Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нархи ибтидой - 35 000 сомонӣ.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол», оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ДМБ № 0052166, ки онро Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ соли 2016 таҳти қайди 1792 ба Исмоилова Фируза Бозоровна додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини № 0133199, ки онро Кумитаи замини шаҳри Роғун 14-уми майи соли 2006 таҳти қайди 794 бо суроғаи шаҳри Роғун, ҷамоати шаҳраки Оби гарм, деҳаи Деҳқонобод ба Қаландарова Розия додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи ҳадяи аз 3/6 ҳиссаи хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 18-уми феврали соли 2021 таҳти феҳрасти № 8Ш-789 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Навобод, хонаи 10/2 ба Бастонов Билол Ҳоҷиакбарович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи байни ҶСП «Муқим 1» ва Хӯҷаев Хуҷмат оиди саҳмгузорӣ дар бунёди манзили истиқоматии бисёрошёна бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Авесто, бинои 27, даромадгоҳи чорум, ошёнаи 13-ум, хонаи духӯҷрагии №342, иборат аз 79,62 м² эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшуда, ки онро муассисаи таълимии хусусии «Абдураҳмони Ҷомӣ»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2022 ба Мирмухамедов Муҳаммадҷон Азимҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №0318164, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №73-и шаҳри Ваҳдат соли 2016 ба Юсуфзода Шаҳнозаи Муҳамадҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда, ки онро Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024 ба сардори маркази таъминоти бехатарии озуқаворӣ дар ноҳияи Хуросон Амонзода Абдураҳим Амон додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе 22-юми июни соли 2024 таҳти №118081 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Алишер Навоӣ, бинои 27/1, хонаи 32 ба Восиев Юсуфшоҳ Қодирович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТА № 1581362, ки онро «Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе» соли 2023 ба Раҳимова Динора Асадуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Эълонҳои нашршуда («Садои мардум» №49 (4789)) аз 10-уми апрели соли 2024 дар бораи шиносномаи техникӣ, шартномаи хариду фурӯш ва дафтари хондории гумшуда, ки бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Алишер Навоӣ, бинои 12, хонаи 1 ба Зуҳуров Фарҳод Ғаюрович дода шудаанд, бинобар ёфт шудани ҳуҷҷатҳо зикршуда, эътибор надоранд.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатӣ таҳти №18420, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ 19 марти соли 2021 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Зайнабобод, деҳаи Дарёбод, ба Каримов Шаҳром Хайруллоевич (РМА 126793138) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе 10-уми декабри соли 2008, ҳамчунин, Шаҳодатнома дар бораи қонунигардонии молу мулки гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 29-уми декабри соли 2008 таҳти №1928 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Канорӣ, хонаи 76/1 «а» ба Иброҳимов Абдул Ассоевич додааст, эътибор надоранд.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда барои нуқтаи шустушӯи мошин ва меҳмонхона, нуқтаи фурӯши маҳсулотҳои нафтӣ, мағозаи тиҷоратӣ ва таъмири мошинҳои сабукрав таҳти №22, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Данғара 23-юми январи соли 2024 бо суроғаи ноҳияи Данғара, ҷамоати деҳоти Корез, маҳаллаи №15 ба Сангаков Шамсиддин Султонович додааст, эътибор надоранд.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замин барои сохтмони нуқтаи шустушӯи мошин ва меҳмонхона, нуқтаи фурӯши маҳсулотҳои нафтӣ, мағозаи тиҷоратӣ ва таъмири мошинҳои сабукрав таҳти дарачаи А0538793 бо рақами қайди 967, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Данғара 9-уми феврали соли 2016 бо суроғаи ноҳияи Данғара, ҷамоати деҳоти Корез, маҳаллаи №15 ба Сангаков Шамсиддин Султонович додааст, эътибор надоранд.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Нигоҳи пурсамар» (РМА 020056992), ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 11-уми июли соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Конституция - кафолати ҷиддии ҳимояи ҳаҷлатноки ва волоятии ҳукм

Садои мардум

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: *Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова.*

НИШОНИИ МО: шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.

МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ: www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супориш) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

Ба чопаш 31 июли соли 2024, соати 10:25 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33105 нусха

Навбатдорони шумора Ф. Абдулҳакимова ва Ӯ. Назар

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97